**ҚАРОРИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
аз «01» августи соли 2014 № 505 ш. Душанбе

## ДАР БОРАИ КОНСЕПСИЯИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА СОЛИМГАРДОНИИ МАҲФУЗГОҲҲОИ ПАРТОВҲОИ КОРКАРДИ МАЪДАНИ УРАН БАРОИ СОЛҲОИ 2014-2024

Мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади ташкил ва таъмин намудани фаъолияти системаи томи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ ва барои ноил гаштан ба таъсири камтарини радиатсионӣ ба аҳолӣ ва муҳити гирду атроф, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Консепсияи Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба солимгардонии маҳфузгоҳҳои партовҳои коркарди маъдани уран барои солҳои 2014-2024 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои иҷрои Консепсияи Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба солимгардонии маҳфузгоҳҳои партовҳои коркарди маъдани уран барои солҳои 2014-2024-ро таъмин намоянд.
3. Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Академияи илмҳои Чумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати 6 моҳ Барномаи амалигардонии Консепсияи мазкурро таҳия намуда, барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.
4. Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба иҷрои Консепсияи Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба солимгардонии маҳфузгоҳҳои партовҳои коркарди маъдани уран барои солҳои 2014-2024 ахбороти хаттӣ пешниҳод намояд.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

Бо Қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «01» августи соли 2014
№ 505 тасдиқ карда шудааст.

# КОНСЕПСИЯИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА СОЛИМГАРДОНИИ МАҲФУЗГОҲҲОИ ПАРТОВҲОИ КОРКАРДИ МАЪДАНИ УРАН БАРОИ СОЛҲОИ 2014-2024

## 1.Асосноккунии зарурияти қабули Консепсияи Миллӣ оид ба солимгардонии маҳфузгоҳҳои партовҳои коркарди маъдани уран

1) Вазъи ҳозира. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ васеъ истифода шудани энергияи атомӣ, ки охирҳои соли 40-уми асри гузашта оғоз шуда буд, боиси пайдо шудани миқдори калони партовҳои радиоактивии коркарди маъдани уран дар марзҳои як қатор ҷумҳуриҳои Иттиҳод гашт. Аз ҷумла, Тоҷикистон низ миқдори калони партовҳои радиоактивӣ, ки дар натиҷаи фаъолияти саноати коркарди уран дар марзи Тоҷикистон ҳосил шуданд, мерос гирифт.

Истеҳсоли консентрати уран дар Иттиҳоди Шӯравӣ аввалин маротиба ҳанӯз соли 1944 дар заводи таҷрибавиии шаҳри Ғафурови Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шуда буд. Баъд дар марзи вилояти Суғд боз 6 корхонаи истеҳсоли оксиди уран сохта шуданд. Дар охири солҳои 60-ӯми асри гузашта аз ин корхонаҳо фақат корхонаи калонтарин дар шаҳри Чкалов боқӣ монд, ки баъд аз таҷдид дар солҳои 80-ӯм дар як сол то 1 млн тонна маъданро коркард мекард. Ҳамин тавр, дар давоми 50 сол қариб 100 ҳазор тонна консентрати уран ҳосил карда шуд ва дар натиҷа дар марзи 6 ноҳияи вилояти Суғд зиёда аз 55 млн. тонна партовҳои радиоктивии бо ҷамъи

фаъолнокиашон зиёда аз 6,5 ҳазор Кюри ҳосил гаштанд. Ин партовҳо дар 10 маҳфузгоҳҳо, ки масоҳати умумиашон 180 га буда дар минтақаҳои сераҳолӣ ва инчунин дар шохобчаҳои болоии дарёи Сирдарё ҷойгиранд, ҷамъ оварда шудаанд. Дар айни замон вазъи бисъёре аз ин маҳфузгоҳҳо барои муҳити гирду атроф ва саломатии мардум хавф ба вуҷуд меоранд.

Дар соли 1991, баъди пошхӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар натиҷаи аз беруни ҷумҳурӣ қатъ гаштани воридшавии маъдани уран як чанд сохторҳои Корхонаи воҳиди давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон», ки бо коркарди уран сару кор доштанд, қариб аз фаъолият бозмонданд. Дар замони ҳозира ҳамаи сохторҳои Корхонаи воҳиди давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон» ба истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардум рӯ овардаанд. Вале масъалаи солимгардонии маҳфузгоҳҳою майдонҳои хоктӯдаҳои радиоактивӣ то ҳол ҳалли худро наёфтаанд. Аз ин лиҳоз, зарурияти таҳияи Консепсияи Миллии солимгардонии маҳфузгоҳҳои партовҳои коркарди маъдани уран бо мақсади ба нақшагирӣ ва анҷом додани чораҳои солимгардонии имконпазир, инчунин кам кардани таъсири амалӣ ва потенсиалии онҳо ба муҳити зист ва саломатии мардум пеш омадааст.

## 2.Мақсад ва вазифаҳои Консепсияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди солимгардонии маҳфузгоҳҳо.

2) Мақсади Консепсияи Миллӣ ташкил ва таъмин намудани фаъолияти системаи томи муомилот бо партовҳои радиоактивии дар солҳои пешин ҷамъшуда мебошад, ки барои ноил гаштан ба таъсири камтарини радиатсионӣ ба аҳолӣ ва муҳити зист бо роҳи таъмини бехатарӣ ҳангоми муомилот бо партовҳои радиоактивӣ, гузаронидани чораҳои махсус оид ба ҳифзи радиатсионии аҳолӣ, солим-гардонии маконҳои ифлосшуда ва маҳфуз-

гоҳҳои партовҳои радиоактив, ҳифзи ҷисмии объектҳои хавфноки радиатсионӣ имкон медиҳад. Барои ташкил намудани чунин система бавуҷудоварии асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва инфрасохтор муҳим мебошад, ки он барои иҷрои сикли пурраи муомилотро бо партовҳои коркарди саноати кӯҳӣ, аз ҷумла партовҳои радиоактивӣ, аз пайдошавии онҳо то гузаронидани корҳои солимгардонӣ дар мавриди оқилона истифода бурдани имконотҳои молиявӣ, техникӣ ва одамӣ бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ таъмин менамояд.

3) Муҳим будани таҳияи Консепсияи мазкур аз зарурияти муайянкунии андозаи корҳои пешистода оид ба мӯътадилгардонии вазъи радиатсионии минтақаҳои радиатсионӣ-ифлосшудаи Тоҷикистони Шимолӣ, дар асоси ба рӯйхатгирии объектҳои радиатсионӣ-хавфнок, муайянкунии афзалиятнокӣ вобаста ба дараҷаи хатарнокӣ, пайдарҳамӣ, мӯҳлатҳои оптималӣ ва ҳаҷми корҳо бармеояд.

4) Барои асосноккунии роҳҳои ҳалли проблеммаҳои мероси истихроҷ ва коркарди саноатии уран дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки хусусиятҳои таърихии ташаккули саноати уранӣ дар минтақа ва инчунин шароити воқеии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна баъди ба даст овардани истиқлолият ба назар гирифта шаванд.

5) Саноати уранӣ дар замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ зери идораи муттамарказонидашудаи давлатӣ буд. Маҷмӯи иттилоотҳо доир ба истеҳсоли уран зери назорати сахт қарор дошта, фақат ба самти амудӣ ба сохторҳои мувофиқи Вазорати мошинсозии миёнаи Иттиҳоди Шӯравӣ равон карда мешуд. Муассисаҳои коркарди уранӣ пӯшида (реҷавӣ) буда, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ оиди технология ва ҳосил намудани уран дар сатҳи корхонаҳо маҳфуз дошта намешуданд. Инчунин, мубодилаи уфуқи (горизонтали)-и иттилоотӣ байни

муассисаҳои коркарди уран низ вуҷуд надошт. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ маълумотҳо оид ба истихроҷ ва коркарди уран ба кишварҳои Осиёи Марказӣ дастнорас шуданд ва ҳамаи маълумотҳои ба саноати урании пешина далхдошта дар Федератсияи Россия дар бойгонҳои муассисаҳои ворисони собиқ Вазорати мошинсозии миёнаи давлати Шуравӣ маҳфуз монданд

6) Дар тӯли солҳои 70 ва 80–ӯм зиёда аз 30% урани дар Иттиҳоди Шӯравӣ истеҳсолшаванда дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба даст оварда мешуд. Мақоми танзимгар дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба сохтори ҳамон Вазорати мошинсозии миёна, ки мутасаддии саноати атомӣ буд, дохил мешуд. Истифодаи стандартҳо (меъёрҳо)-и танзими бехатарӣ нисбати шӯъохӯрӣ ва назорати эмиссияи радиоактивӣ ҳам дар мавзеҳои истихроҷ ва ҳам дар мавзеҳои коркард дар ҳамаи ташкилотҳои саноати уранӣ якхела буданд, ки татбиқи маъмурии онҳоро осон мегардонд. Стандартҳои истифодамешуда бо стандартҳои Европа ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ки солҳои 60-70 вуҷуд доштанд, муқоисашаванда буданд. Вале фарқияти асосии байни онҳо дар он буд, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ сиёсати танзимгариро дар соҳа мақомоти ғайримустақил ба ӯҳда дошт. Дар бисёр мавридҳо талаботи меъёрҳои бехатарии радиатсионӣ иҷро намешуданд, ё махфӣ нигоҳ дошта мешуданд, чунки масъалаи баланд бардоштани ҳосилнокии истихроҷи чунин маводҳо нисбати масъалаҳои бехатарӣ афзалияти калон дошт. Айнан бо ҳамин сабаб, дар фаъолияти истихроҷ ва коркарди маъданҳои уран ва инчунин, муомилот бо партовҳо талаботи ҳифзи муҳити зист ва саломатии аҳолӣ аксар вақт сарфи назар карда мешуданд. Ҳифзи муҳити зист ҳамчун соҳаи афзалиятнок қабул нагашта буд ва меъёрҳои мувофиқи бехатарии фаъолият низ муайян нашуда

буданд. Дар айни замон вазъи экологии маҳфузгоҳҳои радиоактивӣ ва минтақаҳои назди ӯ ба талаботҳои бехатарии радиатсионии байналмилалии замони муосир ба пурраги ҷавобгӯ нестанд.

7) Аъзошавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Агентии байналмилалӣ оид ба энергияи атомӣ, имзо намудани Шартнома оид ба паҳн накардани яроқи ядроӣ, Созишнома дар бораи кафолат ва Протоколи иловагӣ ба Созишнома дар бораи кафолат, як қатор дигар созишномаҳою шартномаҳои байналмилалӣ ва конвенсияҳо, инчунин қабул шудани Қонунҳои ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии радиатсионӣ», «Оид ба истифодаи энергияи атомӣ», «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», «Дар бораи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ» ва «Оид ба ҳифзи табиат» сиёсати давлатиро дар соҳаи таъмин намудани бехатарии ядроӣ ва радиатсионӣ, ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳимтарини тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки бехатарии миллии ҷумҳуриро таъмин мекунанд, тасдиқ менамояд.

8) Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар соли 2003 чун Мақоми танзимгари давлатӣ ташкил шудааст, бо дастгирии ҳукумати ҷумҳурӣ барои татбиқнамоии сиёсати иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи истифодабарии бозъёфтҳои энергияи атомӣ ва таъмини амнияти он саъю кӯшиши зиёде анҷом дода истодааст. Дар ин ҷода ривоҷи системаи муҳофизати ҷисмӣ (физикавӣ) ва таъмини сигнализатсияи муосири ҳифзии объектҳои асосиро, ки дар он ҷойҳо манбаҳои баландфаъоли афканишоти ионофар истифода ё маҳфуз дошта мешаванд (Муассисаи давлатии «Нуқтаи гӯркунии партовҳои радиоактивӣ», Муассисаи давлатии «Маркази илмии саратоншиносӣ»-и Вазорати тандурустӣ,

Донишгоҳи Миллии Тоҷи-кистон), қайд кардан ба маврид аст.

9) Дар солҳои охир ба мақсади муайян намудани вазъи маҳфузгоҳҳои партовҳои саноати уранӣ бо дастгирии Агентии байналмилалӣ оид ба энергияи атомӣ, Созмони бехатарӣ ва ҳамкорӣ дар Европа, Барномаи ривоҷи Созмони Милали Муттаҳид, Барномаҳои Ёрии техникӣ ба Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Маркази байналмилалии илмӣ-техникӣ ва дигар ташкилотҳо як қатор лоиҳаҳо татбиқ шудаанд ва шуда истодаанд.

10) Дар чорҷӯбаи Лоиҳаи миллии TAD /9/002 «Татбиқи стандартҳои байналмилалӣ оид ба идоракунии бехатари партовҳо» ва Лоиҳаи минтақавии RER /9/086 «Идоракунии бехавфи боқимондаҳои истеҳсолоти саноати кӯҳӣ ва уранӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ» асбобҳои дозиметрӣ, спектрометрҳои муосир ва компютерҳо барои Филиали Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ва Корхонаи воҳиди давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон» харидорӣ карда шудаанд, ки дар асоси онҳо лаборатория доир ба гузаронидани мониторинги радиатсионии муҳити зист дар минтақаҳои коркарди уран ташкил карда шудааст.

11) Аз ҷониби экспертҳои Агентии байналмилалӣ оид ба энергияи атомӣ бо ҳамкории техникии ҷониби Тоҷикистон мунтазам миссияҳои баҳодиҳӣ дар собиқ объектҳои партовҳои урании Тоҷикистон, инчунин гирифтани намунаҳои санҷишии муҳити атроф (ҳавои атмосферӣ, хок, рустанӣ, об) гузаронида мешаванд.

## 3.Вазъи маҳфузгоҳҳои радиоактивии вилояти Суғд

12) Дар айни замон дар Тоҷикистон конҳои урани аз фаъолият бозмонда ва ягона Корхонаи воҳиди давлатии

«Фулузоти нодири Тоҷикистон», ки то имрӯз имконоти худро доир ба коркарди маъдани уран нигоҳ доштааст, мавҷуд мебошанд. Дар ихтиёри ин корхона инчунин 10 маҳфузгоҳҳои калони партовҳои радиоактивӣ, хоктӯдаҳои кӯҳӣ ва маъданҳои ғайрисаноатӣ низ ҳастанд.

13) Миқдори умумии партовҳо дар маҳфузгоҳҳои собиқ саноати уранӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти маъданҳои ғайрисаноатӣ зиёда аз 55 млн. тоннаро ташкил мекунанд. Фаъолнокии умумии партовҳо аз рӯи баҳоҳои гуногун аз 6,5 то 7,7 ҳазор Кюриро ташкил мекунад (Замимаи 1).

14) Майдонҳои хоктӯдаҳо ба таври бояду шояд омӯхта нашудаанд, миқдори онҳо ва масоҳати ишғолкардаи онҳо аниқ муайян карда нашудаанд. Амалан ҳамаи маҳфузгоҳҳо ва хоктӯтаҳо ба равандҳои эрозионӣ дучор гаштаанд ва бо обҳои зеризаминӣ ба сойҳои наздик (ҷуйчаҳои мавсимӣ) ва маҷмаи даръёчаҳо дохил мешаванд.

15) Бисъёрии маҳфузгоҳҳо ва хоктӯдаҳои назди шаҳрҳои Табошар ва Чкалов ҳам дар вазъи номӯътадил мебошанд. Аз ҳама бештар маҳфузгоҳи Деҳмой (назди ш. Чкалов) ва маҳфузгоҳи «Фабрикаи маъданҳои камбағал» (ФМК, назди ш. Табошар) ташвишовар мебошанд, чунки онҳо кушода мебошанд. Сатҳи маҳфузгоҳҳо, хусусан он қисмҳое, ки сатҳи муҳофизатӣ надоранд, ё зери омилҳои табиӣ (бод, борон, зилзила ва ғ.) ё ҳайвоноти заминкоб мондаанд, барои паҳншавии маводҳои ифлоскунандаи таркиби маҳфузгоҳҳо ба гирду атрофи ҷойгиршавии муқимии онҳо хавфи калон дорад.

16) Аҳолӣ одатан дар қитъаҳои мавҷудияти обҳои зеризаминии ифлос дар минтақаҳои конҳои кӯҳна ва маҳфузгоҳҳо ҳайвонотро мечаронанд, об медиҳанд, инчунин обҳои заҳбуриро барои обдиҳии заминҳои обчакорӣ ва боғҳо, ки дар наздикии ҷойҳои нигоҳдошти

партовҳои саноати уранӣ ҷойгиранд, истифода мекунанд. Боиси изтироби ҷиддӣ аст, ки дар мавзеъҳои манъшуда мардум моҳӣ медоранд, дар обҷамъҳо (карьерҳо) оббозӣ мекунанд, ва ҳатто нӯшидани обҳо ҳам аз эҳтимол дур нест.

17) Кони истихроҷи уран дар ш. Табошар яке аз калонтарин иншооти коркарди уран дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба шумор мерафт. Он соли 1926 кашф карда шуда дар давраи солҳои 1945-75 мавриди фаъоли истеҳсоли уран қарор дошт. Имрӯз он ҳудуди калонеро мемонад, ки 400 га масоҳат дошта махзани сатҳии партовҳои кон ва заводи коркарди маъдани уран, инчунин махзани партовҳои ба ном «Фабрикаи маъдани камбағал» мебошад.

18) Шаҳри Табошар, ки 12 ҳазор аҳолӣ дорад, дар масофаи ҳамагӣ 0,5-4,0 км аз маҳфузгоҳҳо ҷойгир аст. Маҷмааи маҳфузгоҳи Табошар аз шахтаи кушоди пурра хобонданашуда (консерватсия нашуда), биноҳои саноатии вайроншуда ва се маҳфузгоҳҳои радиоактивӣ, ки дар онҳо зиёда аз 15 млн. тонна партовҳои урании экстраксияи кислотавӣ маҳфузанд, иборат мебошад. Дар натиҷаи фаъолияти чор заводи гидрометаллургӣ маҳфузгоҳҳои радиоактивӣ ба вуҷуд омадаанд, ки масоҳаташон 54 га буда қариб 7,6 млн. тонна партов доранд.

19) Хоктӯдаҳои ҷинсҳои холӣ ва маъданҳои ғайрисаноатӣ асосан аз ҳисоби кандани кариер ва чоҳҳо, ки барои истихроҷи маъдани уран лозим буданд, пайдо шудаанд. Қисми зиёди хоктӯдаҳо ва маъданҳои ғайрисаноатӣ барои болопӯш кардани маҳфузгоҳҳо истифода шудаанд. Тавоноии дозаи гамма-афканишот дар назди хоктӯдаҳо 0,4-0,7 мкЗв/соат (40-70 мкР/соат) буда, дар мавзеҳои маъданҳои ғайрисаноатӣ ба 3,0-4,0 мкЗв/соат (300-400 мкР/соат) мерасад. Дар назди ш. Табошар ба ғайр аз конҳо ва кариере, ки ин замон дорои

оби чуқуриаш то 50 метр мебошад, партовҳои «Фабрикаи маъдани камбағал» ҷойгиранд. Партовгоҳи «Фабрикаи маъдани камбағал» ин теппаеро мемонад, ки аз маводи кӯфташудаи ранги зарди сафедчатобдошта иборат аст. Онҳо барои коркарди дуюмбораи имконпазир пешбинӣ шуда буданд. Партовҳои «Фабрикаи маъдани камбағал» кушода буда зиёда аз 40 сол мешавад, ки зери таъсири эрозияи об ва ҳаво мебошанд. Дараҷаи гамма-фон дар сатҳи хоктӯда баланд нест - ба 1,0 - 1,5 мкЗв/соат (100-150 мкР/соат) баробар аст. Вале дар ҷойҳое, ки маводҳои аз хоктӯда шусташуда ҷамъ шудаанд (дар натиҷаи эрозия), тавоноии гамма-афканишот ба 2,2-2,7 мкЗв/соат (220-270 мкР/соат) ва аз ин зиёд мерасад.

20) Аз замони ташкилёбиаш қисми зиёди партовҳои кӯфташудаи маъданҳои камбағал зери бодлес ва ҷоришавии обҳо ба муҳити гирду атроф паҳн шуда истодаанд. Намунаи маводҳои ин маҳфузгоҳ дар масофаҳои якчанд километр дур, дар водии сой, ки аз доманаи партовгоҳи «Фабрикаи маданҳои камбағал» оғоз меёбад, қайд шудаанд

21) Дар гирду атрофи сехҳои собиқ заводи гидрометаллургии ш. Истиқлол як қатор маҳфузгоҳҳои радиоактивӣ мавҷуданд, ки дар мавзеҳои болои шохаҳои дарёи Уткин-Суу ҷойгир шудаанд. Мавҷуд будани хавфи баамалоии селҳо дар мавзеҳои ҷойгиршавии ин маҳфузгоҳҳо боиси ташвиши иловагӣ мебошанд. Масалан, дар даври аз соли 1998 то соли 2000, дар натиҷаи боронҳои давомнок ва баамалоии селҳо қисми зиёди маводҳои дар маҳфузгоҳи №1 заводи гидрометаллургӣ маҳфузбуда ба соҳили дарёи Сарим-Сахли-Сой шуста бурда шуданд. Баҳри дар оянда кам намудани оқибатҳои сел дар ин дарёча соли 2005 бо дастгирии молиявӣ ва мусоидати барномаҳои Созмони амнияту ҳамкорӣ дар Аврупо дар Тоҷикистон дар

шохаҳои болоӣ домҳои селӣ ва маҷроҳои равоннок (лотокҳо) барқарор карда шуданд. Ҷойҳои «бараҳна» - шудаи маҳфузгоҳи собиқ сехи №3 бо ҷинсҳои такшиншудаи селҳои об пӯшонида шуданд. Дар натиҷаи корҳои анҷомдодашуда ташвишҳои бо селҳо вобаста муваққатан бардошта шуданд. Вале дар як ҷо ҷамъ намудани маводҳои қад-қади дарёча паҳн гаштаи маҳфузгоҳ чун масъалаи муҳими ҳалталаб боқӣ мондааст.

22) Ҳолати рӯйпӯшҳои маҳфузгоҳҳои дигари атрофи ш. Истиқлол низ ташвишовар мебошанд. Ғафсии рӯйпӯшҳо мувофиқи ченкуниҳои анҷомдодашудаи экспертони Агентии байналмилалӣ оид ба энергияи атомӣ (с.2006) на зиёд аз 0,5 м буда, дар баъзе қитъаҳо 0,2-0,3 м-ро ташкил медиҳанд. Чунин рӯйпӯшҳои ғайрикомил аз ҷинсҳои кӯҳӣ ба дохил шудани оксигену боришҳои атмосферӣ ба танаи партовгоҳ монеъ шуда наметавонанд. Ҳатто ҳайвонҳои заминкоб метавонанд ин рӯйпӯшҳоро хароб гардонанд.

23) Хоктӯдаҳои чор нақбҳои конии мавзейи Киик Тол дар масофаи ҳамагӣ 4-5 км аз маҳаллҳои аҳолинишини шаҳри Хуҷанд, дар пастхамиҳои кӯҳи Муғултой ҷойгир шудаанд. Ин нақбҳои конӣ аз соли 1976 то соли 1985 дар фаъолият буданд. Он ҷо сехи хурд барои ҳосил намудани маҳлулҳои аз уран ғанӣ мавҷуд буд. Болои хоктӯда, ки масоҳати умумиаш қариб 6 га буда 0,35 млн.тонна ҷинсҳои кӯҳиро дар бар мегирад, бо қабати хокии ғафсиаш 0,5-0,7 м рӯйпӯш карда шудааст. Тавоноии дозаи экспозитсионӣ дар сатҳи рӯйпӯш 30-60 мкР/соат мебошад, ки аз таъсири ночизи радиатсионӣ ва кифоягии рӯйпӯш дарак медиҳад. Вале дар айни замон гирифтани пеши роҳи воридшавии одамон ба нақбҳо таъмин карда нашудааст. Аз дохили нақбҳо берун омадани обҳо, ки ба миқдори зиёд радионуклидҳои қатори уран-торий доранд, мушоҳида мешаванд.

24) Маҳфузгоҳи калонтарини радиоактивии маъданҳои урандошта дар Осиёи Миёна - маҳфузгоҳи Деҳмой, ки масоҳаташ 90 га буда солҳои 1963 – 1993 мавриди истифода қарор дошт, дар ҳудуди ноҳияи Ғафурови вилояти Суғд ҷойгир шудааст. Дар ин маҳфузгоҳ қариб 20 млн.тонна партови маъданҳои уранӣ, 500 ҳазор тонна маъданҳои ғайрисаноатӣ, инчунин 5,7 млн. тонна партовҳои коркарди маъданҳои ванадийдошта маҳфузанд, ки фаъолнокии умумиашон қариб ба 16000 ГБк баробар мебошад. Ҳаҷми маҳфузгоҳ ба қадри 83% пур шудааст. Партовгоҳи Деҳмой болопӯш карда нашудааст. Чанги хокаҳои радиоактивӣ (Ra-226, Th-230,232, Po-210, Pb-210) хатари асосии радиатсионӣ ва экологӣ аз ин маҳфузгоҳ мебошад. Он инчунин манбаи фаъолнокии баланди радон ва ҷузҳои таҷзияи он Pb-210 ва Po-210 дар масофаи то 1 километр мебошад.

25) Дигар маҳфузгоҳҳои дар вилояти Суғд буда нисбатан ҳолати хуб доранд, вале онҳо низ ба талаботи стандардҳои байналмилалӣ оиди бехатарии радиатсионӣ ҷавобгӯ набуда ба гузаронидани корҳои иловагии солимгардонӣ эҳтиёҷи калон доранд.

## 4.Афзалиятнокӣ

26) Барои муқаррар намудани афзалиятнокии (приоритетнокии) иншоотҳо оиди гузаронидани чорабиниҳои солимгардонӣ чунин дараҷаҳои хатарнокиро тибқи замимаи 2 муқаррар кардан мумкин аст.

27) Аз замимаи 2 аён аст, ки хавфи аз ҳама зиёд ба аҳолӣ ва таъсири потенсиалӣ ба муҳити гирду атроф дар натиҷаи таъсири якҷояи ҳар се категория бармеояд. Дараҷаи дуюми хавфнокӣ таъсири якҷояи категорияҳои 2 ва 3 буда, дараҷаи дигар категорияи 3 мебошад.

28) Тибқи критерияҳои дар замимаи 2 овардашуда тартиби афзалиятнокии амалиётҳоро дар иншоотҳои радиатсионӣ-хатарнок вобаста аз ҳолати муҳандисӣ-техникӣ, вазъи радиатсионӣ ва экологиашон чун дар замимаи 3 овардашуда гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст.

29) Аз маълумотҳои замимаи 3 хулоса бармеояд, ки дар айни замон «Фабрикаи маъданҳои камбағал» (ФМК) ва дигар иншоотҳои шаҳри Табошар, маҳфузгоҳҳои «Деҳмой», Андрасмон, инчунин конҳо ва маъданҳои камбағали соҳили рости шаҳри Хуҷанд барои саломатии аҳолӣ ва муҳити гирду атроф хавфи аз ҳама зиёд доранд.

30) Ҳамин тавр, объектҳои афзалиятнок барои таҳияи чорабиниҳо ҳалли масъалаҳои солимгардонии маҳфузгоҳҳои кушодаи «ФМК», «Деҳмой», Андрасмон, тоза намудани обҳои конӣ ва заҳбурӣ, муқаррар намудани қитъаҳои санитарию ҳифзӣ ва дигар чорабиниҳои муҳофизатӣ дар объектҳои урании Тоҷикистони Шимолӣ бояд бошанд.

## 5.Чорабиниҳои зарурӣ оиди иҷрои корҳои солимгардонӣ дар иншоотҳои радиатсионӣ-хавфноки Корхонаи воҳиди давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон» мувофиқи афзалиятнокии онҳо

31) Дар маҳфузгоҳҳои ш. Табошар:

-гузаронидани корҳои асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ (корҳои омӯзишии то лоиҳавӣ, геодезия, дозиметрия, таҳқиқотҳои лабораторӣ);

-таҳияи лоиҳаҳои корҳои солимгардонӣ;

-ҷустуҷӯи манбаҳои молиявӣ;

-иҷроиши корҳои солимгардонӣ.

32) Дар маҳфузгоҳи Деҳмой:

-гузаронидани корҳои асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ (корҳои омӯзишии то лоиҳавӣ, геодезия, дозиметрия, таҳқиқотҳои лабораторӣ);

-таҳияи лоиҳаҳои корҳои солимгардонӣ;

-ҷустуҷӯи манбаҳои молиявӣ;
-иҷроиши корҳои солимгардонӣ.

33) Маъданҳои ғайрисаноатӣ ва обҳои конии соҳили рости дарёи Сирдарё, ш. Хуҷанд:

-гузаронидани корҳои асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ (корҳои омӯзишии то лоиҳавӣ, геодезия, дозиметрия, таҳқиқотҳои лабораторӣ);

-таҳияи лоиҳаҳои гӯркунии партовҳо ва тозакунии обҳои конӣ бо имконоти ҳосилкунии уран;

-ҷустуҷӯи манбаҳои молиявӣ;

-иҷроиши корҳои солимгардонӣ.

34) Таҳияи лоиҳаҳо оид ба коркарди дуюмбораи маҳфузгоҳҳои уранӣ бо мақсади ҳосилкунии уран бо ҷалб намудани сармоягузоронӣ хориҷӣ ва ватанӣ ҳамчун яке аз роҳҳои беҳгардонии вазъи экологӣ дар минтақа ва ба даст овардани манбаи иловагии молиявӣ барои гузаронидани корҳои солимгардонӣ.

Воқеан, бо сабаби калон будани ҳаҷми кор ва арзиши зиёд доштани чорабиниҳои ба нақшагирифташаванда дар объектҳои махсус хатарнок, ки ҷалбкунии сармояи ташкилот ва фондҳои байнахалқиро дар назар доранд, ташкил намудани корҳои солимгардониро бо схемаи аз ҳаҷм ва маблағи хурдтарин ба ҳаҷм ва маблағи калонтарин бо истифода бурдани маблағгузории манбаҳои миллӣ аз назар дур кардан лозим нест. Ин принсип ба иҷрокунандагон имконият медиҳад, ки онҳо соҳиби таҷрибаи мувофиқи иҷрокунии корҳо гарданд, коллективи меҳнатиро ташкил намоянд, вайро бо техникаю таҷҳизоти зарурӣ ва базаи асбобию аналитикӣ таъмин намоянд.

## 6.Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таъминнамоии бехатарии радиатсионӣ.

35) Дар солҳои истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати худро оид ба таъмини бехатарии муомилот бо партовҳои радиоактивӣ дар асоси тавсияҳои Агентии байналмилалӣ оид ба энергияи атомӣ ва дигар ташкилотҳои байналмилалие, ки таҷрибаи кишварҳои гуногунро дар ин ҷода ҷамъ овардаанд, муқаррар намуд.

36) Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1997 «Аҳднома доир ба паҳн накардани яроқи ядрой»-ро имзо намуда соли 2001 ба узвияти Агентии байналмилалӣ оид ба энергияи атомӣ дохил шуд. Барои идоракунии давлатии масъалаҳои бехатарии радиатсионӣ дар ҷумҳурӣ Агентии амнияти ядрой ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Мақоми танзимгар ташкил карда шуд.

37) Аз ҷониби Тоҷикистон ҳамаи аҳдномаҳои асосӣ ва конвенсияҳои Агентии байналмилалӣ оид ба энергияи атомӣ имзо шудаанд.

38) Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд санадҳои ҳуқуқию меъёрӣ ба монанди:

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии радиатсионӣ»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи энергияи атомӣ»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиаи гражданӣ»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти санитарию эпидимиологии аҳолӣ»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мониторинги экологӣ»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораибехатарии биологӣ»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табии ва техногенӣ»;

-Низомномаҳои «Танзими давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ», «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва «Дар бораи Шӯрои байниидоравӣ доир ба таъмини бехатарии радиатсионӣ»;

-Қоидаҳои санитарии «Меъёрҳои бехатарии радиатсионӣ» ва дигарҳо қабул гаштанд, ки асоси ҳуқуқии таъмини бехатарии радиатсиониро дар мавзеҳои маҳфузгоҳҳои саноати уранӣ ташкил мекунанд.

## 7.Манбаҳои маблағгузорӣ ва механизми амалисозии Консепсия

39) Тибқи ҳисоби экспертҳо арзиши тахминии корҳои солимгардонӣ дар ин объектҳо, бо баназаргирии корҳои омӯзишии пешазлоиҳакашӣ, корҳои лоиҳавӣ ва бевоситаи солимгардонӣ маблағҳои хеле калонро ташкил мекунад. Ҷумҳурӣ, тибқи вазъи имрӯзаи иқтисодӣ имконияти ба ин мақсад ҷудокунии васеи воситаҳои молиявиро надорад. Вале барои амалигардонии корҳои солимгардонӣ зарур аст, ки дар солҳои оянда дар буҷаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сол ба сол афзудани воситаҳои молиявии ба ин ҳадаф ҷудошаванда ба назар гирифта шавад.

40) Барои ба корҳои солимгардонӣ ҷалб намудани сармоягузории ватанӣ ва хориҷӣ ба вуҷуд овардани шароитҳои имтиёзнок тавсия дода мешавад.

41) Лоиҳаҳое, ки барои амалӣ намудани солимгардонии маҳфузгоҳҳои партовҳои коркарди маъдани уран таҳия мегарданд ва ба имтиёзи камкунии андоз аз сармоягузорӣ ва бебоҷ воридкунии техника ва таҷҳизоти махсус эҳтиёҷ доранд, аз ҷониби Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ (ратификатсия) карда шаванд. Барои иҷрои барномаҳои мушаххас, ки бо гузаронидани корҳои солимгардонӣ ва беҳбудкунии вазъи экологии минтақа вобастаанд, ҷалби сармояҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, бонкҳо, фондҳои гуногун пешбинӣ ба назар лошта мешаванд. Барои расидан ба ин ҳадафҳо таҳия ва мувофиқгардонии муносибати ягона дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ дар ҳалли ин проблемаҳо бояд хеле хуб мусоидат намоянд.

Аз ин нуқтаи назар Лоиҳаҳои Ҳамкории Техникии Агентии байналмилалӣ оид ба энергияи атомӣ, ки дар минтақа амалӣ карда шудаанд, баривоҷёбии ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар байни давлатҳои ҳамсоя ва баргузор намудани робита байни онҳо ва лоиҳаҳо бо иштироки давлатҳои сеюм дар чорчӯбаи барномаҳои Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд, Барномаи рушди Созмони Милалӣ Муттаҳида, Барномаи Созмони Милалӣ Муттаҳид оид ба ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони иттиҳоди шимол-атлантикӣ, Иттиҳоди иқтисодии Аврупо-Осиё ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мусоидат намуданд.

42) Баъди қабул шудани Консепсияи мазкур Барномаи амалигардонӣ қабул карда мешавад, ки лоиҳаҳои мушаххаси амалисозии чораҳои дар Консепсия пешбинишударо дарбар мегиранд.

43) Бо мақсади саривақт роҳандозӣ намудани нишондодҳои дар Консепсияи мазкур омада, таҳияи лоиҳаҳо, асосноккунии техникию иқтисодӣ, омӯзиши амиқӣ партовгоҳҳо Гурӯҳи корӣ таъсис дода мешавад.

## 8. Робита бо ҷомеа

44) Муносибати шаҳрвандон, иттиҳодҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳо дар самти муомилот бо партовҳои радиоактивӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегиранд.

45) Иттилоотнокии аҳолӣ дар хусуси вазъи экологӣ дар мавзеҳои нигоҳдошти партовҳои радиоактивӣ барои иштироки аҳолӣ дар таъмини бехатарии экологиӣ ва радиатсионии минтақа аҳамияти хеле калон дорад. Барои ба даст овардани савияи кифояи маърифатнокӣ иштироки воситаҳои ахбори умуми сатҳи марказӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ ва маҳаллӣ бояд таъмин карда шаванд.

46) Мақомотҳои давлатӣ дар воситаҳои ахбори умум бояд проблемаҳои муҳимми радиологӣ ва экологиро бо чоп намудани маводҳои расмӣ дар ин хусус, дар китобчаҳои илмӣ-оммафаҳм ва ғайра равшан созанд. Бояд маълумот дар бораи вазъи радиатсионӣ дар шаҳрҳо, деҳаҳо ва мавзеҳои аҳолинишини назди минтақаҳои ифлосшуда ҷойгирбуда бо воситаҳои ахбори умум ва дар сомонаҳои мувофиқи Интернетӣ чоп карда шаванд.

47) Тибқи ӯҳдадориҳои аз конвенсияҳои байналмилалӣ бароянда имконоти ташкилотҳои экологии ғайридавлатӣ ва иттиҳодҳои ҷамъиятӣ бояд ба ҳалли масъалаҳои тарғиби зисти солими аҳолии дар марзҳои назди минтақаҳои ифлосшуда зиндагикунанда, инчунин иштирок ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ доир ба масъалаҳои беҳбуднамоии вазъи радиологии муҳити гирду атроф равон карда шаванд.

**Замимаи 1** ба Консепсияи Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба солимгардонии маҳфузгоҳҳои партовҳои коркарди маъдани уран барои солҳои 2014-2024

| Номгӯи ҷой ва номи маҳфузгоҳ | | Даври истифода-шавӣ | Қитъаи санитарӣ-муҳофизатӣ (м), Масоҳат (Га) | Ҳаҷми муфиди маҳфузгоҳ, (м$^3$) | Ғафсии қабати руйпӯши хокӣ, (м) | Тавонoии гамма дозаи экспозитсионӣ дар сатҳ, (мкР/соат) | Миқдори партовҳои маҳфузшуда (млн. тонн), фаъолнокӣ, (Кюри) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1.Маҳфузгоҳи «Деҳмой» | Пастхамии Деҳмой, д. Ғозиён, 1,5 км | с 1963 | 400/90,0 | $194*10^5$ | кушода | 650-2000 | 20,8/4218 |
| 2. Маҳфузгоҳи ш.Ғафуров | ш. Ғафуров, 0,5 км | 1945-1950 | -/4,0 | $2,4*10^5$ | 2,5 | 20-60 | 0,4/159 |
| 3. Маҳфузгоҳи Картаҳои 1-9 | ш.Чкалов, 2 км | 1949-1967 | 50,0/18,0 | $26,0*10^5$ | 0,5 | 20-60 | 3,03/779 |
| 4. Маҳфузгоҳи (навбати I-II) | ш. Истиқлол, 2,0 км | 1945-1959 | 50,0/24,7 | $9,88*10^5$ | 0,7-1,0 | 40-60 | 1,69/218 |
| 5. Маҳфузгоҳи (навбати III) | ш. Истиқлол, 0,5 км | 1947-1963 | 50,0/11,06 | $1,06*10^5$ | 0,7-1,0 | 40-60 | 1,8/232 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 6. Маҳфузгоҳи (навбати IV) | ш. Истиқлол, 1,0 км | 1949-1965 | 50,0/18,76 | $2,43*10^6$ | 0,7-1,0 | 40-60 | 4,13/510 |
| 7. Маҳфузгоҳи сехи №3 | ш. Истиқлол, 3,0 км | 1949-1965 | 50,0/2,86 | $0,69*10^5$ | 0,7-1,0 | 40-60 | 1,17/15,2 |
| 8. Маҳфузгоҳи «Фабрики маъданҳои камбағал» (ФМК) | ш. Истиқлол, 4,0 км | 1950-1965 | -/3,35 | $11,9*10^5$ | кушода | 40-100 | 2,03/253 |
| 9.Маъданҳои ғайрисаноатӣ | ш. Истиқлол, (рӯйпӯши ҳамаи маҳфузгоҳҳо) | 1945-1965 | -/20 | $5,0*10^5$ | кушода | 40-70 | 15.65/4,43 |
| 10. Маҳфузгоҳи 2 | ш. Адрасман, 1 км | с 1991 | -/2,5 | $2,4*10^5$ | 1,0 | 50-60 | 0,4/160 |
| 11. Кони 3 | ш. Хуҷанд, 2,0 км | 1976-1985 | -/5,9 | $2,07*10^5$ | 0,5 | 60-80 | 3,5/11,0 |

**Замимаи 2** ба Консепсияи Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба солимгардонии маҳфузгоҳҳои партовҳои коркарди маъдани уран барои солҳои 2014-2024

| **Оқибатҳо** | **Хавф аз иншоот** |
|---|---|
| Дараҷаи 1 – хатар ба ҳаёт:<br>*Вайроншавии ҷисмонӣ (табиӣ), ки фавран ба талафоти инсон боис мешавад | *эрозияи ғайри қобили назорат;<br>*обзеркунӣ;<br>*лағжидани қабатҳои замин, селҳо;<br>*заминларза;<br>*вайроншавии сохторӣ;<br>*радиатсия, радон, паҳншавии чанг. |
| Дараҷаи 2- хатарҳои таъсири давомнок (хронический) ба саломатӣ:<br>*радиатсия ё радон ё хориҷоти ғайри қобили назорат аз партовгоҳ, об ё боришот, ки боиси бад шудани саломатӣ ва ҳатто марги аҳолӣ шуда метавонанд. | * радиатсия;<br>* радон;<br>* чанги радиоактивӣ;<br>*хориҷоти ғайри қобили назоратӣ аз партовгоҳ ё обҳои ифлос. |
| Дараҷаи 3- талафоти яклухтии экологӣ, иҷтимоӣ ё иқтисодӣ:<br>*ифлосшавии ҳақиқӣ ё имконпазири обҳо, кӯчидан (мигратсия)-и хокҳо, боришот ё маҳсулот, ки боиси талафоти арзиши иҷтимоӣ ё иқтисодии манбаҳои об мегарданд;<br>*метавонад ба саломатии аҳолӣ хатар оварад. | *ғайри қобили назорат будани партовҳои радиоактивӣ;<br>*ифлосшавии хокҳо;<br>*ифлосшавии обҳо, аз ҷумла обҳои зеризаминӣ;<br>*ифлосшавии маводҳои хӯрока. |

**Замимаи 3** ба Консепсияи Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба солимгардонии маҳфузгоҳҳои партов-ҳои коркарди маъдани уран барои солҳои 2014-2024

| **Меъёр (критерия)** | **Афзалиятнокӣ** | **Қитъаи иншоот** | **Дараҷаи вайроншавии табиӣ** | **Таъсири хосави (хавф)-и аз иншоот бароянда бо сабабҳои** |
|---|---|---|---|---|
| 1,2,3 | 1 | Табошар, партовгоҳи «Фабрикаи маъдани камбағал» | баланд | -қитъаи нопӯшида;<br>-набудани девор;<br>-болотар аз дарё;<br>-эрозияи идоранашаванда;<br>-эрозияи обӣ;<br>-сел, ярч;<br>-радонхориҷшавӣ;<br>-радиатсия, паҳншавии чанг. |
| 1,2,3 | 2 | Маҳфузгоҳи Деҳмой | баланд | -набудани руйпӯш<br>-набудани девор<br>-1,5 км болотар аз деҳа<br>- болотар аз дарёи Сирдарё<br>- сел, ярч;<br>-вайроншавии сохторӣ<br>-радонхориҷшавӣ<br>-радиатсия, паҳншавии чанг |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2,3 | 3 | Хуҷанд, маъдани ғайрисаноатӣ ва обҳои нақбӣ | миёна | -қитъаи нопӯшида;<br>-дар ҳудуди шаҳр;<br>-эрозияи обӣ, обшӯӣ;<br>-набудани девор;<br>-обҳои нақбӣ. |
| | 4 | Чкалов, партовгоҳҳои 1-9 | миёна | -набудани девор;<br>-рӯйпӯши тунук;<br>-дар қитъаи саноатии Чкалов;<br>-радонхориҷшавӣ;<br>-партовҳоро боло баровардани ҳайвоноти заминков; |
| | 5 | Табошар, партовгоҳҳои навбати I-IV | миёна | -набудани девор;<br>-наздикии деҳа;<br>- эрозияи об, обшӯй;<br>-набудани рӯйпӯш;<br>-болотар аз дарё, деҳа;<br>-радонхориҷшавӣ;<br>-обҳои конӣ |
| | 6 | Табошар, собиқ сехи №3 | миёна | -дар ҳудуди шаҳр<br>-эрозияи об, обшӯй;<br>-набудани девор;<br>-обҳои конӣ |
| | 7 | Адрасмон, партовгоҳи 2 | миёна | - набудани девор;<br>-наздикии деҳа;<br>-эрозияи об, обшӯй;<br>-қисман набудани рӯйпӯш;<br>-болотар аз дарё ва деҳа;<br>- радонхориҷшавӣ.<br>-обҳои заҳбурӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 8 | Табошар, партовҳо дар водии дарёчаи Саримсахлисой | миёна | -наздикии маҳалли аҳолинишин;<br>-набудани девор;<br>- дар маҷрои дарё ҷойгир будан;<br>-эрозияи об;<br>-имкони обмонии заминҳои наздиҳавлигӣ;<br>-ҳамроҳ шудани обҳои конӣ ва заҳбурӣ ба сой; |
| 3 | 9 | Ғафуров, маҳфузгоҳи заводи гидрометаллургии таҷрибавӣ | мавҷуд нест | -партовҳоро боло баровардани ҳайвоноти заминков;<br>-зарурияти мониторинги мушоҳида |